# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-136-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар мавзуи “Комплексҳосилкунии нукра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ

**Мубрамияти мавзуъ.** Фаъолияти зиддимикробии нукра(I) ва пайвастаҳои комплексии он имкон медиҳад, ки дар асоси онҳо дуруворӣ, рӯйпушҳо барои асбобҳои ташхисӣ, протезҳо, маводҳо барои духтан ва бастани захмҳо коркард карда шаванд. Имидазолҳо низ дар соҳаи фармакологӣ васеъ истифода мешаванд. Масалан, 2-метилимидазол ҳамчун ашёи хом барои ҳосил кардани доруҳои зиддимикробӣ, 1-метил-2-меркаптоимидазол хосияти баланди анитероидӣ дошта, барои муолиҷаи касалии астмаи бронхиалӣ васеъ истифода мешавад.

Истифодаи пайвастаҳои координатсионии нукра(I) бо лигандҳои сулфурдор дар электрохимия имконият медиҳад, ки дар асоси онҳо руйпушҳои ҳамвор ва ҷиллодор ба даст оварда шаванд.

Фаъолияти реаксионии моддаҳо, тавсифи энергетикӣ ва кинетикии равандҳои химиявӣ на танҳо аз табитаи зарраҳо, балки ба хосияти солвататсияшавии онҳо низ вобаста мебошад. Барои тавсифи ҳолати солватии ионҳо ва молекулаҳо дар маҳлул параметрҳои термодинамикии солвататсия, аз қабили энергияи Гиббс, энталпия ва энтропия истифода мешаванд. Таҳлили тағйирёбии ин бузургиҳо имкон медиҳад, ки таъсири мутақобилаи байнизарраҳо баҳо дода шуда, мавҷуд будан ё набудани ассосиатҳо муайян карда шавад, инчунин, таъсири ҳалкунанда ба равандҳои комплексҳосилшавӣ пайгирӣ гардад.

**Мақсад ва вазифаҳои** гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ҳалли худро ёфта, натиҷагирӣ карда шуда, муқаррароти асосии таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Экспертизаи дисертатсия нишон медиҳад, ки мутобиқати мавзуъ ба мундариҷа, бобҳо, параграфҳо ва хулосаҳои баровардашуда дар диссертатсия пайдарпай ва алоқамандии мантиқии ҳамаи бахшҳо, муқаррарот, мутобиқати илмӣ, натиҷаҳои бадастомада, хулосаву тавсияҳо вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташударо фарогир буда, натиҷаҳои нави илмиро дар муқоиса бо усулҳои муосир баҳогузорӣ муқаррар менамояд.

Таҳлил ва арзёбии мазмуну муҳтавои диссертатсия ба автореферати он мувофиқ буда, мантиқан пайдарпайии тадқиқот иҷро гардида, асоснокии усулҳои тадқиқот, дурустии таҷрибаҳо, патентҳо ва маводди илмӣ инъикос ёфта, сарчашмаҳои илмӣ мувофиқ ба талаботи муқараргардида ҷойгир карда шудаанд,

диссертатсия ба соҳаи муайяни илм ва рушди иқтисоди миллӣ анҷом дода шудааст.

Соҳаи илм ва ихтисосҳои илмии диссертатсияи пешниҳодшуда, ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он шурои диссертатсионии 6D.КОА-136-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияро аз рӯйи рамз ва ихтисосҳои илмии химияи ғайриорганикӣ ва химияи физикӣ дода шудааст, пурра мувофиқ мекунад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои** илмии 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ, 1.4.5. Химияи физикӣ ва ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ.

Соҳаи таҳқиқ ба шиносномаи ихтисосҳои илмии 1.4.2 бандҳои 2, 3, 6 ва 1.4.5 бандҳои 2, 4,10 пурра мувофиқат мекунад, аз ҷумла:

**Химияи ғайриорганикӣ**: Банди 2. Коркарди усулҳои синтези моддаҳои ғайриорганикӣ. Банди 3. Синтез ва омӯзиши структура ва хосияти мавод дар асоси пайвастаҳои ғайриорганикӣ. Банди 6. Химияи пайвастаҳои координатсионӣ.

**Химияи физикӣ**: Банди 2. Бо усули таҷрибавӣ муайян кардани хосиятҳои термодинамикии моддаҳо, ҳисобкунии функсияҳои термодинамикии системаҳои соддаю мураккаб, аз ҷумла дар асоси усулҳои термодинамикаи статистикӣ, омузиши термодинамикаи табдилёбии фазаҳо ва гузаришҳои фазавӣ. Банди 4. Назарияи маҳлулҳо, таъсири мутақобилаи байнимолекулавӣ ва байни зарраҳо. Банди 10. Алоқамандии қобилияти реаксионии реагентҳо бо сохтори онҳо ва шароитҳои гузаронидани реаксияи химиявӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии Содатдинова Анҷуман Садридиновна ба “Комплексҳосилкунии нукра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ” бахшида шуда, дар асоси вазифаҳои дар пеш гузошташудаашон солвататсияшавии яккатор ҳосилаҳои имидазол ҳангоми гузаштан аз об ба ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ, хосияти кислотагӣ-асосии лигандҳо дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органкӣ, комплексҳосилшавии нуқра бо лигандҳои мазкур дар об ва ҳалкунандаҳои таркибашон гуногун, таъсири табиати ҳалкунанда ба мувозинати кислотагӣ-асосӣ ва реаксияи комплексҳосилшавӣ, инчунин методикаи синтези навъи пайвастҳои комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотии Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар кафедраи химияи ғайриорганикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқ ба самти мавзуи илмии “Комплексҳосилкунии d-металлҳои интиқолӣ бо иштироки лигандҳои амидӣ ва тиоамидӣ дар маҳлули обӣ ва обӣ-органикӣ” ва дар Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон дар доираи супориши давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи № ГР0119TJ00981 иҷро гардидааст.

**Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашрнамудаи** довталаби дараҷаи илмӣ Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар 36 маводди илмӣ ба таври мукаммал, аз ҷумла 1 нахустпатент ба ихтироот, 1 санад оид ба татбиқи корҳои илмӣ дар раванди таълим, 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои илмии дар пойгоҳҳои бонуфузи байналмилалӣ воридшуда, инчунин, 19 фишурдаи мақола дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст.

**Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия** фарогири мазмун ва моҳияти илмии диссертатсия буда, ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии** довталаби дараҷаи илмиро истифодаи асбобу таҷҳизотҳо ва усулҳои муосири таҳлили оморӣ саҳеҳияташ баланд, патентҳо, нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи соҳавӣ, апробатсияи онҳо дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ тасдиқ менамояд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия иборат аз муқаддима, аз муқаддима, 5 боб, 280 саҳифаи чопи компютерӣ, 52 расм, 58 ҷадвал, хулосаҳои умумӣ, тавсия ва замимаҳо иборат аст.

Матни диссертатсия ва автореферати он дар Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз санҷиши барномаи компютерии Антиплагиат гузаронида шуда, мувофиқи маълумотномаи дода шуда, аслияти матни дисертатсия 81,27% ва аслиятии матни автореферати диссертатсия 80,8%-ро ташкил дода, ба талаботи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Муҳиммияти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти баланди назариявию амалии доштани диссертатсия шаҳодат аз он медиҳад, ки таҳқиқоти илмии пурра ба итмомрасида мебошад. Дар ин асос комиссияи экспертӣ хулоса менамояд, ки диссертатсия ба талаботи муқаррааргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Низомномаи шурои диссертатсионӣ ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ мутобиқат мекунад.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-136-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Содатдинова Анҷуман Садридиновнаро дар мавзуи «Комплексҳосилкунии нукра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, **қ а р о р  к а р д:**

1. Диссертатсияи Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар мавзуи "Комплексҳосилкунии нукра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Бадалов Абдулхайр, доктори илмҳои химия, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;
- Раҷабов Умаралӣ, доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;
- Қурбонов Амиршо Соҳибназарович, доктори илмњои химия, директори филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ ва ядроии АМИТ дар вилояти Хатлон.

Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти химия ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои химия, профессор Джураев Т.Д.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ, профессор Умарова Т.М.
доктори илмҳои техникӣ Наимов Н.А.

«17» 09 соли 2026